НАМУНАҲО АЗ ҒАЗАЛЁТИ ШАЙДОИ ХУҶАНДӢ[1]

Ё Раб, ба фазли хеш раҳе сӯи худ намо,
Рафтан ба сӯи Ту натавонем аз амо.
Ё Раб, кушоиши ҳама дарбастагон зи туст,
Қуфле, ки бастаанд ба дилҳои мо, кушо.
Азпофитодагони биёбони ҳасратем,
Эй дастгир, қуввати роҳи карам намо.
Лутфи Ту раҳнамоии саргаштагон кунад,
Мо чун равем роҳи Ту чун кӯри беасо.
Ё Раб, магир ҷурми ҷавонон ба қаҳри хеш,
Бахшой аз кароматӣ пирони босафо.
Мӯи сияҳ ба роҳи гунаҳ кардаам сафед,
Раҳме намо ба ҳаққи ҷавонони порсо.
Рӯзу шабон ба ҳасрати Ту нола мекунад,
Шайдои дилфигори гунаҳкори пурхато.

* * *

Аз зикри лабат карда ҳаловат дилу ҷонҳо,
Ширин зи ҳадиси даҳанат кому забонҳо.
Бо қофилаи Каъбаи ишқи ту равонем,
Ҳамчун ҷарас аз шавқи ту дорем фиғонҳо,
*Дар арсаи идроки ту ҳайрон хираду **фаҳм,**[2]*
Саргаштаи фикри ту яқин бод гумонҳо.
***То**[3] ҷилваи сарви қади раънои ту диданд,*
Аз сидра паридaнд ҳама руҳу равонҳо.
Аз ғунчаи пайкони ту барге нашукуфта,
Гулҳои чаман карда ҳама синафишонҳо.[4]
Хунобаи ашке ба рухи зард фишонам,

[1]Тасҳеҳи намунаҳои ғазалиёти Шайдои Хуҷандӣ аз рӯи чаҳор дастнавмси девони шоир - нусхаҳои маҳфуз таҳти шумораҳои 2495, 1347, 567 дар ганҷинаи дастхатҳои АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нусхаи китобхонаи шахсии Саидумари Султон(шумораи 37) анҷом дода шуд..Ҳангоми тасҳеҳ нусхаи 2495 асос қарор гирифт.ва боқӣ нусхаҳо бо аломатҳои шартии А(1347), Б(567) ва В(37) дар поварақ нишон дода шудаанд.Қобили зикр аст, ки ғазалҳои омодашуда, бори нахуст ба нашр расидаанд.

[2] Б - ақл

[3] Б - То

[4] Б – Байти зерин дар дигар нусхаҳо вуҷуд надорад:
Бардор ниқоб аз рухи зебои худ, эй дӯст,
То маҳв шаванд ҷумлаи зарроти ҷонҳо.

Шайдо, нафурӯшам ба лаъл зар зи дуконҳо.

* * *

Булбул бихонд ба саҳни гулистон китоби мо,
Барги гул аст ***сарфи сари кӯи боби мо.***[1]
Соқӣ, биё, ки миннати соғар намекашам,
Дашном з-он лаб аст хумори шароби мо.
Чун чашми сар хумори ту мастона ***меравам****,*[2]
Кайфияти нигоҳи ту дорад шароби мо.
Дар дил хаёли зулфи ту як шаб гузашта буд,
То субҳи маҳшар аст парешон хоби мо.
Шайдо талоши ин ғазали ***хок***[3] *мекунад,*
Доманшикастааст вараҳи интихоби мо.

* * *

Илоҳӣ, аз карам кун меҳрубон ҷононаи моро,[4]
Ба лутфат ***ошно гардон бути***[5] *бегонаи моро.*
Лаби ҷонбахши ҷононро Масеҳи дардмандон кун,
Табиби дарди эшон дилбари фарзонаи моро.
Ривоҷи дурднӯшонро ба қадри фазли худ фармо,
Сафои Каъба деҳ хоки дари майхонаи моро.
Дар он[6] *гулшан, ки девони муҳаббат булбулон хонанд,*
Макун навмед аз ***раҳни қабул***[7] *афсонаи моро.*
Савоби ҳалқаи зуннори мо аз нусха афзун ***шуд****,*[8]
Шарифи Каъба гардон роҳиби бутхонаи моро.
Садаф борони ашки чашми мо қадраш чӣ медонад?
Дар оғӯши дили мо ҷой деҳ дурдонаи моро.
Надонам, то чи хоҳад кард ҷӯши гиряам, Шайдо,
Набояд раҳгузори сел шуд вайронаи моро.

* * *

Ё Раб, бурун зи парда барафтод рози мо,
Муртиб куҷост, то кунад оҳанги сози мо.
Шуд чанг қоматам, раги ҷон гашт тори ӯ,[9]
Овозаи «Ироқ» барорад «Ҳиҷоз»-и мо.
Эй сарви ноз, дар қадамат уфтодаем,

---

[1] Б – сурхии сарҳои боби мо
[2] . Б - дидаам
[3] Б -пок
[4] В – Илоҳӣ меҳрубон кун аз карам ҷононаи моро
[5] В – ошно кун ин бути
[6] . Б -ин
[7] . В – ҳусни қабул
[8] Б - кун
[9] . Б – Шуд қоматам шикаста, надҳам «Сарвиноз»-и ӯ

Дар маърази қабули ту афтад маҷози мо.
Ҷонро хабар набуд шаби базми висоли ёр,
Парвона сохт шӯълаи базми тарози мо.
Мо ***рӯ***[1] *ба тоқи абруи дилдор кардаем,*
То иқтидо имом кунад бар намози мо.
Воиз ***ба зӯр***[2] *ишқи бутон манъ мекунӣ,*
Пайвастааст пири ҳақиқатмаҷози мо.
Шаб ***навҳаҳо***[3] *ба турраи он зулф додаем,*
Шамшодро шикаста забони дарози мо.
Султони ишқ омаду овоза шуд баланд,
Маҳмуд сар ниҳод ба пои Аёзи мо.
Чашмаш ба ғамза гуфт ба Шайдо, ***намехарам,***[4]
Сад раҳ агар ниёз биёрӣ ба нози мо.

* * *

Миннати роҳати атлас накашад пайкари мо,
Хоки хокистари кӯи ту бувад бистари мо.
Хат кашидем зи шарми гунаҳи худ бар хок,
Рафт бо домани саҳро хабари мистари мо.
Омад он шӯх ба пурсидани ***бемории хеш,***[5]
Ҳоли мо дида битарсид, гузашт аз сари мо.
Номаи ҳар кӣ ба навъе қаламе ронд қазо,
Чун гул аз хуни ҷигар шуд рақами дафтари мо.
Дар чаман булбули Шайдо ба навохонӣ шуд,
Ғунчаи табъ шукуфт аз нами шеъри тари мо.

* * *

Диломе, ки дорам ишрати бӯсу канор имшаб,
Чу тоби турраи худ карда ҷонам беқарор имшаб.
Сипанди миҷмари ҳуснаш, ки бошад анбаринхоле
Ба ҷои уд хоҳам бурд ***дуд аз дил***[6] *ба кор имшаб.*
Рамида чун ғизоли шӯху ваҳшӣ хоб аз чашмам,
Сияҳмасти ҷунунам з-он нигори сурмадор имшаб.
Сабӯро пора созу шишаро бишкан, аё соқӣ,
Ки махмури ***шаробам***[7] *з-он ду чашми пурхумор имшаб.*
Шароби лаъли майгунаш ба коми дил куҷо бошад,
Ки дорам соғари айше ба дасти рашъадор имшаб.

[1] В - дил
[2] . В – чаро зи, Б – чаро зи
[3] В – бӯсаҳо, Б – бӯсаҳо.
[4] Б - намехаранд
[5] . В – бемори ғамаш
[6] А – дуди дил
[7] А - нигоҳам

Ба ҳар кас шиква аз бахти ***сиёҳам***[1] *чун кунам, Шайдо,*
Ки бар рози дилам гардида зулфаш пардадор имшаб.[2]

* * *

Раҳм кун, эй моҳи ман, бар ҳоли ***зори ин гариб,***[3]
Гӯшаи чашме фикан бар ҳоли афгори гариб
Эй табиби меҳрубон, дасте бинеҳ бар набзи ***мо,***[4]
То чӣ бошад ҳоли мо ***бечораи бемори***[5] *гариб*
Пурсиши ҳоли гарибонро кӣ месозад, бигӯ?
Нест гайр аз дарди он дилдор гамхори гариб.
Бекасу танҳову зор афтода бошад рӯ ба хок,
Ғайри оҳу нола набвад мӯнису ёри ғариб.
Нест гайр аз риштаи ҳуббулватан, Шайдо, ба каф,
Рафтааст аз дасту дил сарриштаи кори ғариб.

* * *

Эй бехабар аз олами гавгои қиёмат,
Имрӯз надорӣ гами фардои қиёмат.
Ҳар нақди гаронмоя, ки дорӣ ба каф имрӯз
Зинҳор макун сарф ба фардои қиёмат.
Ин ҷо ба сарат сояфикан хаймаи заррин,
Фардо чӣ кунӣ соя ба гармои қиёмат?!
Эй хоҷаи кавнайн, ***паноҳи ду ҷаҳонӣ,***[6]
Ҷуз ту набувад ***маъракаорои*** *қиёмат.*
Фардо ба шафоат алами лутф фарозӣ,
Ҷуз ту кӣ бувад ***мушфиқу мавлои*** *қиёмат?*
Сар аз хати фармони ту ҳар кас, ки кашидаст,
Фардо шуда шармандаву расвои қиёмат.
Имрӯз ҳама бехабару бехуду мастем,
Ҳушёр бигардем ба ***фардои***[7] *қиёмат.*
Чандон равад аз шарму гунаҳ сели арақҳо,
Гардем ҳама гарқ ба дарёи қиёмат.
Чу(н) коҳ барад ҳар тарафе кӯҳи гунаҳро,

---

[1] А-парешон, Б - парешон
[2] Ин байт дар ду нусхаи дигар мавчуд нест:
А – Зи ҳасрат булбулу парвонаро хоҳам задан оташ,
Ки аз ҳусни гуле дорам чароғон дар канор имшаб.
Б – Зи ҳасрат булбулу парвонаро хоҳам задан нештар,
Ки аз ишқи ту дорам чароғон дар канор имшаб.
[3] . Ин зори ғариб
[4] А - ҷон
[5] А – бечораи афкор
[6] Б – ту шоҳи ту ҷаҳонӣ
[7] В – дарҳои қиёмат

*Лутфаш, ки **занад мавҷ**[1] ба саҳрои қиёмат.*
Фардо ҳама аз шарми гунаҳ рӯй ба хокем,
Гар худ накунӣ шафқати фардои қиёмат.
Шайдо ба ҷуз аз раҳмати Ӯ нест паноҳе,
Дар офияташ сӯхт шарарҳои қиёмат.

* * *

Дардам зи ҳад гузашт, надорад даво илоҷ,
*Оҷиз табиб гашта, **насозад Худо**[2] илоҷ.*
*Ҷуз дидани лиқои ту набвад **шифои ман**,[3]*
Бошад маризи ҳаҷри туро ин шифо илоҷ.
Мурдем дар фироқи ту, бурдем ҳасратат,
Бо дарди ошиқон набувад ҷуз даво илоҷ.
Ҷоно, ба ҷавр мекушӣ, дийят чӣ медиҳӣ,
Дидор агар намоӣ, бувад хунбаҳо илоҷ.
Кори ҳазор гунча кушоиш насим дод,
*Шайдо накард ин дили **хунгаштаро**[4] илоҷ.*

* * *

Ошиқон нолаву зори саҳаре сохтаанд,
Ғофилон маслиҳати симу заре сохтаанд.
Баҳри исори қудуми ту ба кошонаи чашм,
Мардуми дида муҳайё гуҳаре сохтаанд.
*Зулф бар орази чун моҳ **напӯшӣ,**[5] чӣ аҷаб,*
*Дар саропардаи **дилҳо**[6] саҳаре сохтаанд.*
*Гарм абнои ҷаҳон гаштаи **бозори худанд**,[7]*
Ҳар яке дилхушӣ бо як ҳунаре сохтаанд.
*Мерасад нолаи **мургони чаман,**[8] ё Шайдо,*
Корвонест, ки азми сафаре сохтаанд.

* * *

Аз ҷӯши гиря чашмам аз по наменишинад,
Кӯҳ аз садо нишинад, дарё наменишинад.
Гарди гами ту хезад рӯзе зи хотири мо,
*Аз гирдбоди шавқат **дарё наменишинад.**[9]*
Омад ба гулшани ҷон дар ҷилва қомати ту,

---

[1] Б- вазад бод
[2] В – бисозад Худо
[3] В –давои ман
[4] Б - хунбастаро
[5] А – бипӯшӣ, Б - бипӯшӣ
[6] В - ҷонҳо
[7] Б - Савдои худанд
[8] Б - афғони ҷарас
[9] А – саҳро наменишинад

Сарви сиҳии бустон аз по наменишинад.
Дар сина ҷой дорад пайкони тири нозат,
Оре, ки дилнишин шуд, дар мо наменишинад.
Бигрифта домани ту фардо, ки дод гӯям
Дар арсаи қиёмат гавго наменишинад.
Фардо ба боги ҷаннат боло агар нишинӣ,
Пеши қади ту Тӯбӣ боло наменишинад.
Дар интизори маҳшар ушшоқ пеши рӯят,[1]
Аз по агар нишинад, Шайдо наменишинад.

* * *

То нома ба он дилбари маҳбуб навиштем,
Рози дили девона ба мактуб навиштем.
Худ ошиқи маъшуқ шуда ҷилвагар омад,
Юсуф писаре буд, ки Яъқуб навиштем.
Бо хомаи мижгон рақами мардуми дида,
З-ин толиби дидор ба матлуб навиштем.
Аз дуди ҷигар хушк шуда хомаи мижгон,
Дар дидаи тар номаи мартуб навиштем.
Чун номаи пурмеҳри гулистони назокат,
Тӯмор ба он гулбасари хуб навиштем.
Чун доги дили лола ба ҳар барги дили хеш,
Ҳарфе, ки навиштем, чи маргуб навиштем.
Девонагии машраби мо соз тамошо,
Мактуби муҳаббат ба чи услуб навиштем.
Ҳар бахяе[2] *бар хирқаи мо дӯхта хайёт,*
Кирми тани мо буд, ба Айюб навиштем.
Шайдо, рақами тоза ба он шоҳи ҷавонон,
З-ин пири фано бандаи маъюб навиштем.

* * *

Ё Раб, бикун тараҳҳуме бо ҳоли абтарам,
Мамлӯ бувад зи маъсият ҳарчанд пайкарам.
Дорам басе хиҷолат аз ин ҷони пургуноҳ,
Шармандаам, ба сӯи ту чун рӯй оварам.
То сар бар остони ҳаримат ниҳодаам,
Хоки дари ту сурма ба ду дидаи тарам.
Ё Раб, бихон ба фазли иноёти ҷуди худ,
Шармандаам масоз ба эҳсони дигарам.
Девест дар камингаҳу роҳест пурмахуф,
Лутфи инояти карамат соябарварам.

---

[1] А – Дар интизори рӯят ушшоқ рӯзи маҳшар.

[2] А – Ҳар бахяе, ки

Дастам бигиру соз ҳидоят ба сӯи худ,
То ҷон зи макри душмани раҳзан амон барам.
Дар даст нест тӯҳфаи лоиқ ба ҳазратат,
Ҷуз сими ашку чеҳраи коҳӣ чун зарам.
Шаб то саҳар чу шамъ бисӯзам ба ёди ту,
Созам ниёзи ашку ҳам оҳи афсарам.
Дорам умеди он ки ба бозори коинот,
Гӯяд ба фазл бандаи маъбудро харам.
Шайдо,ҳазор уқбаи сахт аст пеши роҳ,
Бошад, ба лутфи дӯст ба як лаҳза бигзарам.

* * *

Табибо, гӯшаи чашме фикан бар ҳоли зори ман,
Бинеҳ дасти карам бар набзи ҷони беқарори ман.
Насимо, сунбули зулфаш ***бияфшон***[1] *бар сари хокам,*
Мабодо хотираш ***озурда***[2] *гардад аз ғубори ман.*
Худоро, эй сабо, бо ман замоне ***ҳамраҳие кун***,[3]
Бувад ***бар***[4] *кӯчабоғи гулрухон афтад гузори ман.*
Зи хокам нозбӯ рӯяд, зи хунам аргувон ҷӯшад,
Мазори куштаи худро тамошо кун, нигори ман.
Зи ***чоки***[5] *синаам Шайдо, гули садбарг меҷӯшад,*
Бувад шӯхи қиёмат пайкарам, эй навбаҳори ман.

* * *

Рафтану н-омодан бояд зи об омӯхтан,
Хонабардӯшӣ бибояд аз ҳубоб омӯхтан.[6]
Пойи ӯ бӯсидану дар дидаҳо ҷо сохтан,
Ин адабро бояд аз чашми рикоб омӯхтан.
Ташнакоми хушклаб рафтан аз ин дашти фано,
Ин равишро бояд аз мавҷи сароб омӯхтан.
Хун гиристан, сӯхтан, бирён шудан дар ***базми ёр,***[7]
Ин адабро бояд аз лахти кабоб омӯхтан.
Синаро нохун задан бо нолаҳои дилхарош,
Ин наворо бояд аз чангу рубоб омӯхтан.
Бо вуҷуди талхкомиҳо ба риндон дилхушӣ,
Бояд ин машраб зи минои шароб омӯхтан.
Зоҳидо, тақлиди зӯҳду тавбаи тақво гузор,

---

[1] А – маяфшон
[2] В – ошуфта
[3] В – ҳамраҳӣ мекун
[4] В – ҳар
[5] В - хоки
[6] В – Хонавайронии худро бояд аз ҳубоб омӯхтан
[7] В – ҳаҷри ёр

Бояд аз пири мугон роҳи савоб омӯхтан.
Аз сари дунё гузаштан кори ҳар номард нест,
Бояд ин ҳимматбаландӣ з-офтоб омӯхтан.
Тарки зуҳду тақвиву роҳи хароботе шудан,
Бояд аз Шайдо чунин тарзи қибоб омӯхтан.[1]

Таҳия ва тасҳеҳи Мавлуда
Неъматова

---

[1] Ин байт дар дигар нусхахо дида нашуд:
А – Дил пур аз ҳарфи дилу изҳор нокардан ба кас,
Ин хамӯширо бибояд аз китоб омӯхтан.